# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**доктори илмҳои филологӣ, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул ба рисолаи илмии унвонҷӯ Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX»**

Салимзода Муҳайё Абдусалим соли 2019 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси мероси хаттӣ хатм карда, соҳиби касби «матншинос» гардидааст. Ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз давраи донишҷӯӣ машғул буда, ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ худро ҳамчун донишҷӯи кӯшо ва соҳиби тафаккури таҳқиқӣ муаррифӣ кардааст. Айни замон ба сифати мудири Толори профессор Шарифҷон Ҳусейнзодаи факултети филологияи ДМТ фаъолият дорад.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия С.М. Абдусалим худро ба сифати унвонҷӯи заҳматкаш, сабуру уҳдабаро ва огоҳ аз масъалаҳои назарии адабиётшиносии асримиёнагии форсу тоҷик, нусахи хаттӣ, равишҳои таҳқиқии муосир, таърих ва назарияи адабиёт муаррифӣ карда тавонист. Вай ҳамчун муҳаққиқ мустақилона аз уҳдаи анҷоми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ баромада метавонад.

Мақсади асосии кори диссертатсионии С.М. Абдусалим таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо, баррасии сохтор ва муҳтавои “Баёз”-и Савдо ва таъйини мақоми шоир дар муҳити адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро мебошад. Дар боби якум ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо бо фарогирии масъалаҳои зиндагиномаи илмии шоир, мероси адабӣ, анвои ашъор ва асарҳои мансури ӯ таҳқиқ шудааст. Масъалаҳои хусусиятҳои китобшиносию нусхашиносӣ, сохту таркиби “Баёз”-и Савдо ва аҳаммияти он ҳамчун сарчашмаи адабӣ дар боби дуюм таҳлилу таҳқиқ шудааст. Боби сеюм ба таҳқиқи масъалаҳои марбут ба мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори Савдо бахшида шудааст.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллифи диссертатсия асосноку мудаллал буда, дурустии асосҳои назарии дар диссертатсия пешниҳодшударо таъйид мекунад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **6 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 3 мақола** дар маҷаллаи тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст. Ҳаҷми умумии корҳои чопшудаи унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия беш аз якуним ҷузъи чопиро ташкил медиҳад. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дар он метавон дид, ки дар диссертатсияи ӯ нахустин маротиба дар адабиётшиносии замони Истиқлол масъалаи Абдулқодирхоҷаи Савдо ва мақоми ӯ дар муҳити адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX ба миён гузошта шуда, мабоҳиси алоқаманд ба ин мавзуъ, ба мисли зиндагиномаи илмӣ, мероси адабӣ, анвои шеърӣ, асарҳои мансур, вежагиҳои кодикологӣ, сохту таркиб ва аҳаммияти “Баёз”-и Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ, мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир, забону сабки баён, воситаҳои асосии тасвири бадеӣ, ҳунари балоғӣ, вазн, қофия ва радиф ба таври фарогир ва монографӣ таҳқиқ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқро амалан метавон дар навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ, таълими фанҳои тахассусии адабиётшиносӣ, таҳлили матни бадеӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ истифода кард.

Ҳамин тавр, рисолаи Салимзода Муҳайё Абдусалимро кори илмии ба итмомрасидаи дорои аҳаммияти назарию амалие меҳисобам, ки дар сатҳи мақбули илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори

диссертатсионӣ ҷавобгӯст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
таърихи адабиёти тоҷики ДМТ Мисбоҳиддини Нарзиқул

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Н. Қарабоев, 150.
Телефон: (+992) 936001229
E-mail: hasti70@mail.ru

**Имзои М. Нарзиқулро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.
27 майи соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj